# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2013 №31 тасдиқ карда шудааст

## ДАСТУРАМАЛ
**оид ба пур кардани шакли ҳисоботи оморӣ дар бораи содироти (воридоти) хизмати байналхалқӣ (шакли № 8- АИХ -хизмат (семоҳа)**

### 1 . Қоидаҳои умумӣ

1.1 Шакли ҳисоботи омории давлатиро дар бораи содироти (воридоти) хизматҳо байналхалқӣ пешниҳод мекунанд:

- ашхоси ҳуқуқӣ ва қисматҳои ҷудогонаи онҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, навобаста аз шакли моликият, ки амалиёти хизматрасониро дар фаъолияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба амал мебароранд, санаи 15-ум баъди давраи ҳисобот, ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаашон пешниҳод менамоянд..

ҳисоботи шакли № 8 – **АИХ** (хизмат) оид ба химатҳои байналхалқи бо хамъбасти афзоянда аз аввали соли ҳисобот барои ҳар як семоҳа алоҳида (семоҳаи 1, 2, 3, 4) тартиб дода мешавад;

Дар ҳисоботи оморӣ арзиши хизматрасонӣ, бо арзиши сомонӣ ва бо ҳазор доллари ИМА, бо як аломат баъди вергул инъикос карда мешавад.

ҳисоботи шакли № 8 – **АИХ** (хизмат) бо нишон додани ҳамаи намудҳои хизматҳои пешниҳодшуда ё гирифташуда оид ба мамоликҳо мувофиқи Классификатори мамолики ҷаҳон тартиб дода мешавад

ҳахми арзишии амалиёти содироту воридот оид ба хизматҳо ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда дар асоси қурби асъор аз рӯи маълумоти Бонки миллии Тохикистон аз лаҳзаи ба амал баровардани амалиёт ба ҳисоб мегиранд.

1.2. Дар ҳисоботи содироти (воридоти) хизмати пешниҳодшуда ё гирифташуда дар бахши фаъоляти байналхалқӣ, яъне амалиёте, ки байни намояндагии иқтисодиёти мазкур ва намояндагии дигар иқтисодиёт сурат мегираду барои иқтисодиёти ғаринамояндагӣ барасишаванда мебошад, нишон дода мешавад.

Барои пур кардани шакли омории №8- **АИХ** (хизмат) бояд Классификатори хизматҳо дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ТУНФИ), бояд истифода карда шавад.

Хизматҳо аз молҳои «дидашаванда» бо он фарқ мекунанд, ки онҳо ба воситаи (гумруки) сарҳади давлатӣ ҷой иваз намекунанд ва аз гумрук намегузаранд ва мутобиқан ба онҳо декларатсияи гумрукии молӣ- борӣ ҳуҷҷат карда намешаванд.

Дар зери истилоҳи «хизмат» дар савдои байналхалқӣ амалиёте фаҳмида мешаванд, ки содироти он **меафзояд,** воридоти он бошад, захираҳои молиявии мамлакатро коҳиш медиҳад.

**Намояндагӣ** - ин воҳиди таъсисотӣ (шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ), маркази манфиати иқтисодӣ, ки дар ҳудуди иқтисодиёти давлати мазкур (як сол ё бештар) қарор дорад.

**Ғайринамояндагӣ** - ин воҳиди таъсисотӣ, маркази манфиати иқтисодӣ, ки дар хориҷи ҳудуди иқтисодии давлати мазкур қарор дорад.

Баҳои арзишии хизмат аз рӯи нархҳои бозорӣ ба амал бароварда мешавад.

**Лаҳзаи амалӣ намудани содироти (воридоти) хизмат-** ин санаи амалии пешниҳод кардан ё дар асоси принсипи пулгузаронӣ гирифтани хизмат (аз рӯи ҳисоби навишташуда)

ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар баъзе мавридҳо пардохти пешакӣ ё пардохти минбаъдаи музди хизмат ҷой дорад (масалан, дар вақти ҳамлу нақли бор, суғуртакунӣ, хизматрасонӣ дар бандарҳо ва ғайраҳо) дар ин сурат сабти дахлдор ба амал бароварда мешавад.Аз рӯи баъзе хизматҳо, масалан, хизмати сохтмон, ҳисобу китоб аз рӯи акти қабулу супоридан ё санаи пардохти музди хизмати иҷрошуда ба амал бароварда мешавад.

1.3 ҳисоботи оморӣ аз рӯи шакли № 8- **АИХ** (хизмат) химатҳои байналхалқӣ, ки ба ҳисоботи оморӣ дохил карда мешаванд: -хизматҳои воситаи нақлиёт, хизматҳои туристӣ (сафарҳо), хизмати алоқа, хизмати сохтмон, хизмати суғуртакунӣ, хизматҳои молиявӣ, хизматҳои компютерӣ ва иттилоотӣ, пардохтҳои иҷозатномавӣ (литсензиявӣ), дигар хизматҳои корчалонӣ, хизматҳои ашхоси воқеӣ ва хизматҳо дар бахши фарҳанг ва истироҳат, маориф, тандурустӣ, хизматҳои давлатӣ ва дигар намуди хизматҳое, ки дар боло зикр нашудаанд.

## II.Нишондод оид ба пур кардани шакл

**2.1. Ба хизматрасонии байналхалқии нақлиёт** намудҳои зерин дохил мешавад: хизмати нақлиёти хушкигард (нақлиёти роҳи оҳан, автомобил,. қубурҳо), ҳавоӣ, обӣ; ҳамлу нақли борҳо, ва мусофиркашонӣ; ҳаргуна дигар намудҳои хизмат, мол-бор боркунӣ, мол-бор фарорӣ, вагонҳо, борҷомаҳо (контейнерҳо), амборхонаҳо, дар анборхонаҳо нигоҳ доштан, ҳифз кардан, борпечонию борбандии молу борҳо, роҳнавардӣ ва киштиронӣ ва дигар хамъовароҳои бандарӣ, таъмири ҷорӣ ва хизматрасонии васоити нақлиёт; ба ихора додан ё гирифтани васоити нақлиёт, ба кироя додан ё гирифтани васоити нақлиёт бо ронандагон барои ҳамлу нақли борҳо ва мусофиркашонӣ; хизматрасонӣ дар киштиҳо ё фурудгоҳҳо ( хизмати миҳор бастан ё дар парк ҷо ба ҷо кардан, аз ҷое ба ҷое кашидан-кашола кардан, хизмати бинои болояш кушода, бурда расонидан ва гирифтани зинапоя аз самолёт, таъмини алоқаи телефонӣ, нақлиёти автомобилӣ ва дигар хизматҳо ); ҳар гуна хизматҳое, ки барои мусофирон, борҳо ва киштиҳо мерасонанд, хизматҳои пардохташаванда, ки ба моликони киштиҳо ё ба содиркунандагони молҳо, барои таъмири ҷорӣ ва хизматрасонии васоити нақлиёт ва ғайраҳо пардохта мешаванд.

**2.2. Хизматрасонии байналхалқии васоити алоқа** ду категорияи асосии амалиёти байналхалқиро дар соҳаи алоқа, байни нишондиҳандаҳои мамалакати мазкур ва воҳидҳои иқтисодии дигар мамлакатҳо, ки ба амал бароварда мешавад, фаро мегирад.
Ба онҳо тааллуқ доранд:

а) телекоммуникатсия, аз ҷумла пахши иттилооти овозӣ, тасвирот ва дигар ахбороти иттлоотӣ бо ёрии телефон, телекс, телеграф, радошунаваонӣ, пуштаи барқӣ, алоқаи радифӣ, алоаи мобили, интернет ва факсималӣ ва ғайраҳо. Инчунин хизматрасонии соҳаҳои иттилооти тиҷоратӣ, гузаронидани конфронсҳо бо ёрии алоқаи телефонӣ ва расонидани хизматҳои ҳамсафарӣ ва роҳбаладӣ:

б) хизматрасонии пушта ва хизмати алоқаи хаткашонӣ, ба он ҳамлу нақл ва бурда расонидани мактубҳо, рӯзномаҳо ва ҳаргуна маводи чопӣ, қуттиҳои молу бор (посилкаҳо) ва бастаҳо, ки хадамоти пуштахона ва дигар корхонаҳои алоқаи пушта анҷом медиҳанд.

**2.3. Хизматрасонии байналхалқӣ ба сохтмон** дар бар мегирад: иншооту обектҳои бинокорӣ, васл намудани дастгоҳҳо , илова бар ин чунин хизмат аз тарафи кормандони корхона берун аз ҳудуди иқтисодӣ, дар он ҷое, ки вай қарор дорад иҷро карда мешавад. Категорияҳои баррасишавндаи корҳои бинокорӣ, ки филиалҳо ё шуъбаҳои хориҷии корхона сармоягузорони (инвесторони) мустақим ва баъзе қисматҳои бинокориро дар маҳалҳо фаро намегиранд, гарчанде онҳо ҳамчун як қисми истеҳсолоти ҳамон мамлакат ҳисобида мешаванд, дар ҳудуде, ки онҳо сохта мешаванд.

**2.4. Ба хизмати саёҳӣ (сафарҳо)** мансубанд**:** -хизмати ширкати туристӣ, агентиҳо, хизматчиёни (агентхои) туристӣ, маркази (бюрои) экскурсионӣ; хизмати меҳмонхонаҳо

ва дигар воситаҳои хо ба хокунии сайёҳон; хизмати таъминоти ғизои сайёҳон; хизматҳои вобаста ба гирифтани маълумот, хизмати бахши ёрии тиббӣ ва ғайраҳо.

**2.5. Хизмати суғуртакунӣ** намудҳои гуногун суғуртакуниро дар бар мегирад; чунин хизматро ширкатҳои суғуртаи мамлакати мазкур барои шарикони хориҷӣ иҷро менамоянд, ё баракс. Ба чунин хизматҳо мансубанд: суғуртакунии молҳои савдои хориҷӣ, дигар намудҳои суғуртакунии мустақим; суғуртакунии ҳаёт, аз ҷумла нафақа, суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва **садамаи** нақлиёт, суғуртакунии тиббӣ, суғуртакунии масъулияти шаҳрвандӣ, суғуртакунӣ аз сехтор, суғуртакунӣ дар бахр ва дар ҳаво, инчунин бозсуғуртакунии кафолатнок. Ба хизмати суғуртакунӣ пардохти комиссионӣ ҳамроҳ карда мешавад.

**2.6. Хизматҳои молиявӣ** - хизматҳои миёнаравӣ ва ёрирасонӣ **(фаръӣ),** ки намояндагии як мамлакат ба намояндагии дигар мамлакат мерасонад, дар бар мегирад. Ба категорияи мазкур пардохти хизмати миёнаравии молиявӣ дохил карда мешавад, масалан, хизматҳои вобаста ба ҳуҷҷати муомилаи пул (аккредитив), тарзи бо пули нақд баробар кардани ҳисоби байни идораҳо ва ҳамчунин розигӣ барои додани пул аз рӯи ҳуҷҷатҳо (акцептҳои бонкӣ), хатҳои (роҳҳои) қарзӣ (кредитӣ), лизингҳои молиявӣ, амалиёт бо асъори хориҷӣ, ҳамчунин пардохту хамъовариҳои комиссионӣ ва ғайраҳо аз рӯи амалиёт бо қоғазҳои қимматнок, ки ба амалиётҳои миёнаравӣ мансубанд, ҷой додани нашри қоғазҳои қимматнок, ба гарав гирифтани қарз, ташкили амалиёту мубодила, опсионҳо (интихоби шарту шароитҳо); инъомдиҳии комиссионӣ ба дилерҳо, ки ба аҳдномаю қарордодҳои фаврии молҳо машғуланд; пардохтҳо барои хизматҳои вобаста ба идоракунии дороиҳо, ташкилу танзими корҳои бозорҳои молиявӣ, гузаронидани амалиётҳои эътимодбахш ва ғайраҳо.

**2.7. Хизматҳои компютерӣ ва иттилоотӣ** -амалиётҳои вобаста ба пешниҳоди хизматҳои байни намояндагӣ ва ғайринамояндагиро оид ба коркарди маълумоту иттилоот дар бар мегиранд.

Ба онҳо мансубанд; хазинаи маълумотҳо- таъсис додан, нигоҳдорӣ ва кор бо махмеи маълумотҳо, коркарди маълумотҳо- аз он ҷумла, ҷадвалсозии маълумотҳо, идораи махмеи ҳисоббарории нишондиҳандаҳои хориҷӣ ба таври мунтазам; консалтинг дар соҳаи техника ва таҷҳизоти кампютерӣ; ҷорӣ намудани таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла коркарду таҳияи барномасозии системаи мушаххаси фармоишгарон; истифодабарӣ ва таъмири компютерҳо ва сохтҳои берунӣ; хизматҳои агентиҳои иттилоотӣ, аз он ҷумла таъмини васоити иттилооти омма бо маълумоту ахборҳои наву тоза, маводи аслӣ, бо акс- сурат ва бо мақолаҳои мавзеи обунашавии мустақим (ғайриоммавӣ) ба рузномаҳо ва ба нашрияҳои даврӣ.

**2.8. Пардохтҳои иҷозатномавӣ (литсензиявӣ)** мубодилаи пардохтҳои байни намояндагӣ ва ғайринамояндагӣ барои дар асоси қонун истифодаи дороиҳои истеҳсолнашудаи ғайримолиявӣ, ки хусусияти ғайримоддӣ ва унвони моликият (аз қабили патент, ҳуқуқи муалифӣ, аломати савдо, равандҳои технологӣ) ва (дар асоси мувофиқатномаи иҷозатнома (литсензия) истифода намудани истеҳсолшудаи аслӣ ва ҳаммонандро дар бар мегиранд.

**2.9. Ба дигар хизматҳои корчалонӣ** мансубанд;

- хизматҳои харида-фурӯшии молҳо ба хориҷа, ки ҳамчун моли харидаи намояндагии як мамлакат аз ғайринамояндагӣ ва минбаъд фурӯши ин мол ба дигар ғайринамояндагӣ муайян карда мешавад, маълум аст, ки амалан дар давоми чунин давраи амалиёти савдо мол як маротиба ҳам аз сарҳади иқтисодиёти пешбинишуда намегузорад;
- хадамоти техникӣ ва таъмири молҳо;
- лизинги амалиёти (иҷораи) мошинҳо, таҷҳизот, васоити нақлиёт;
- хизмати ҳуқуқӣ (юридикӣ), хизмати муҳосиба, хизматҳои маслиҳатӣ дар бахши идора ва хизматҳои вобаста ба ҷомеа;
- реклама (таблиғот), омӯзиши бозор, пурсишҳои фикру андешаҳои ҷомеа;
- корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию тарҳрезӣ (конструктурӣ)

- хизматҳои бахши меъморӣ, корҳои муҳандисӣ ва дигар хизматҳои хусусияти техникӣ дошта;

- хизматҳои бахши кишоварзӣ, истихроҷи саноатӣ ва коркарди он дар маҳалҳо;

- дигар хизматҳои корчалонӣ, касбӣ ва техникӣ;

**2.10. Хизматҳои ашхоси хусусӣ ва хизматҳо дар бахши фарҳанг ва истироҳат-хизматҳои** оид ба таъсиси барномаҳои аудио- видиои диққатҷалбмкунандаю шавқовар ва хизмати вобаста ба онҳо; дигар хизматҳо, ки агентиҳои иттилоотӣ пешниҳод мекунанд, агентиҳои табъу нашр ва ғайра иҷро мекунанд, дар бар мегиранд.

**2.11. Хизматҳои давлатӣ**, ки ба дигар категорияҳо дохил карда нашудаанд, хизмати ҳамаи ҷанбаҳои идораро дар сатҳи давлатӣ дар бар мегиранд; масалан, хизматҳои маъмурӣ ба ташкилотҳое, ки дар бахши маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар хизматҳои иҷтимоиро таъмин менамоянд, ғайр аз хизмати бахши суғуртакунии иҷтимоӣ, хизмати маъмурӣ оиди баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тиҷоратӣ; хизматҳои маъмурии вобаста ба корҳои хориҷӣ; хизматҳои дипломатӣ ва консулгарӣ дар хориҷа; хизматҳои вобаста ба ёрии иқтисодии хориҷӣ, ёрии низомии хориҷӣ ва ғайраҳо.

Дар сутуни 1 номи мамлакатҳо мутобиқи Классификатори мамолики ҷаҳон нишон дода мешавнд.

Дар сутуни 2 рамзи мамлакатҳо мутобиқи Классификатори мамолики ҷаҳон нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 3 намудҳои хизмат мутобиқи “Классификатори фаъолияти иқтисодии хориҷӣ” нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 4 рамзи хизмат КОП, мутобиқи “Классификатори фаъолияти иқтисодии хориҷӣ” нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 5 ва 6 арзиши хизмат бо ҳазор доллари ИМА ва сомонӣ нишон дода мешавад.

ҳисоботи тартиб додашударо роҳбар ва сармуҳосиби ташкилот имзо мекунанд, поёнтар ному насаби иҷрокунандаи ҳисобот ва рақами телефони ӯ нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда маъсул мебошад.